«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
доктори илмҳои педагогӣ
профессор, ________ Сафарзода М.В.
«_14_» ____08____ соли 2026

**ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР**

**ба диссертатсияи Файззода Рамазон Хурсанд дар мавзуи «Кумитаи беҳдошти меҳнат ва маишати занон ҳамчун омили таҳаввулоти иҷтимоии ҷомеаи Тоҷикистон (солҳои 1928-1934)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.1 - Таърихи ватанӣ (Таърихи халқи тоҷик)**

Мавзуи таҳқиқотии Файззода Рамазон Хурсанд ба яке аз марҳилаҳои муҳимми таърихи таҳаввулоти иҷтимоӣ ва равандҳои модернизатсияи ҷомеаи Тоҷикистон дар солҳои 20-30-юми асри XX яке аз самтҳои муҳимми таърихнигории муосири ватанӣ маҳсуб меёбад. Дар ин замина, омӯзиши фаъолияти ниҳодҳои махсуси давлатӣ, аз ҷумла Кумитаи беҳдошти меҳнат ва маишати занон (КБММЗ), аҳаммияти хоси илмӣ ва амалӣ пайдо мекунад.

Мубрамияти ин масъала дар он зоҳир мегардад, ки Кумита вазифаи мураккаби трансформатсияи низоми суннатии ҷомеаро ба зимма дошт. Ин раванд танҳо бо ҷалби занон ба корҳои ҷамъиятӣ маҳдуд нашуда, балки ҳадафи васеътар - таҷдиди куллии шуури иҷтимоӣ, аз байн бурдани монеаҳои мазҳабӣ - патриархалӣ ва фароҳам овардани заминаҳои нави ҳуқуқиву иқтисодиро барои зани тоҷик пайгирӣ мекард. Аз ин рӯ, пажӯҳиши фаъолияти КБММЗ имкон медиҳад, ки на танҳо омор ва арқоми таърихӣ, балки ҷавҳари тағйирот дар ҳаёти рӯзмарра, муқовиматҳои иҷтимоӣ ва натиҷаҳои ниҳоии сиёсати эмансипатсияи занон дар шароити хоси Тоҷикистони солҳои 20-30-юми асри XX мавриди баррасии амиқи илмӣ қарор гирад.

Бояд қайд кард, ки мувофиқи суратмаҷлиси №1, аз санаи 03.07.2026 дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 082-и назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» оид ба ҳимояи диссертатсияҳо оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.1 - Таърихи ватанӣ (Таърихи халқи тоҷик), Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ»-ро ҳамчун муассисаи пешбар барои диссертатсияи унвонҷӯ Файззода Рамазон Хурсанд таъин намуд. Диссертатсияи Файззода Рамазон Хурсанд дар доираи татбиқи

нақшаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии панҷсолаи кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав анҷом дода шуда, ба ихтисосе, ки аз рӯйи он кор ба ҳимоя пешниҳод гардидааст, комилан мутобиқат намуда, кафедраи таърихи халқи тоҷики «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ», 6.1.1. Таърихи ватанӣ (Таърихи халқи тоҷик), протоколи №2, аз 11 сентябри соли 2026 баррасӣ ва муҳокима гардида, ба он баҳои мусбат дода шуд.

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.1 - Таърихи ватанӣ (Таърихи халқи тоҷик) мувофиқ мебошад. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷа ва унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

**Муҳиммияти мавзуи таҳқиқ.** Муаллиф дар бахши муқаддимавии диссертатсия мубрамияти мавзуи таҳқиқро хеле муътақидона асоснок намудааст. Ин давра дар таърихи халқи тоҷик ҳамчун марҳилаи гузариши бунёдӣ аз сохти суннатии аграрӣ ба низоми нави иҷтимоӣ-сиёсӣ арзёбӣ гардида, бо суръати баланди дигаргунсозиҳои сохторӣ тавсиф мешавад.

Дар ин замина, омӯзиши фаъолияти ниҳодҳои махсуси давлатӣ, аз ҷумла Кумитаи беҳдошти меҳнат ва маишати занон (КБММЗ), аҳаммияти хоси илмӣ ва амалӣ пайдо мекунад. КБММЗ дар низоми идоракунии давлатии он замон на танҳо ҳамчун як сохтори муқаррарии маъмурӣ, балки ҳамчун як ниҳоди стратегӣ ва омили калидии «муҳандисии иҷтимоӣ» зуҳур намуд.

Воқеан, аҳаммияти амалӣ ва татбиқии пажӯҳиши мазкур дар он зоҳир мегардад, ки таҷрибаи таърихии фаъолияти КБММЗ дар шароити кунунии таҳкими давлатдории миллӣ ва татбиқи сиёсати давлатии гендерӣ сабақи беназир маҳсуб меёбад.

Дар марҳалаи муосир, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон стратегияи фаъолгардонии нақши занонро ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки рушди ҷомеа пайгирона амалӣ месозад, омӯзиши механизмҳои таърихии ҷалби занон ба соҳаҳои гуногуни ҳаёт аҳаммияти калони методӣ пайдо мекунад.

Ҳамин тариқ, пажӯҳиши мазкур на танҳо як таҳқиқи маъмурии фаъолияти як ниҳод, балки кӯшиши ҷомеи илмӣ - назариявӣ ҷиҳати ошкор намудани нақши стратегии КБММЗ дар раванди гузариши бунёдии ҷомеаи

Тоҷикистон аз сохтори анъанавии патриархалӣ ба низоми муосири иҷтимоӣ маҳсуб меёбад.

**Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.** Диссертатсияи Файззода Рамазон Хурсанд дар мавзуи «Кумитаи беҳдошти меҳнат ва маишати занон ҳамчун омили таҳаввулоти иҷтимоии ҷомеаи Тоҷикистон (солҳои 1928-1934)» як кори илмии муҳим ва саривақтӣ буда, ба яке аз масъалаҳои мубрами илми таърихи ватанӣ бахшида шудааст. Дар ин тақриз, дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар диссертатсия овардашуда мавриди баррасӣ қарор мегиранд.

Дар қисмати гузоришҳои илмӣ муаллиф, Файззода Рамазон Хурсанд, тавонистааст масъалаи таҳқиқшавандаро дар заминаи адабиёти мавҷудаи илмӣ, таҳқиқоти қаблӣ ва маводи бойгонӣ ба таври мушаххас муаррифӣ намояд. Муаллиф бо истифода аз манбаъҳои муътабар, дар заминаи методологияи таҳқиқоти таърихӣ ташаккулу рушди ташкилоти занон оид ба беҳдошти меҳнат ва маишат, фаъолияти сохторҳои КБММЗ оид ба ҷалби занон ба меҳнат, роҳбарият тавассути курсҳои гуногун, семинарҳо, коромӯзӣ ва чорабиниҳои амалии намунавӣ мебошад, нишон додааст.

Муаллиф бо такя ба принсипи таърихият ва холисияти илмӣ, фаъолияти ин Кумитаро ҳамчун катализатори тағйиротҳои сохторӣ баррасӣ мекунад, ки дар натиҷаи он зани тоҷик аз мақоми «объекти таърих» ба «субъекти фаъоли иҷтимоӣ» табдил ёфт.

Мубрамияти махсуси ин қисмати кор дар он зоҳир мегардад, ки хулосаҳо на дар асоси қолабҳои кӯҳнаи идеологӣ, балки бо дарназардошти диди интиқодӣ ва ҷалби васеи сарчашмаҳои нави бойгонӣ сурат гирифтаанд. Бисёре аз ин санадҳо бори аввал ба гардиши илмӣ ворид карда шуда, имкон медиҳанд, ки зиддиятҳо, мушкилот ва комёбиҳои воқеии сиёсати давлат дар мавриди занон дар солҳои 1928-1934 бидуни ороишоти сиёсӣ арзёбӣ шаванд.

Хулосаҳои дар диссертатсия овардашуда ба натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқот асос ёфтаанд. Хулосаҳо ба таври мантиқӣ аз натиҷаҳои таҳлили маълумотҳои ҷамъовардашуда бармеоянд. Дар ин замон, Тоҷикистон дар марҳилаи таҳаввулоти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ қарор дошт ва кумита нақши муҳим дар ин раванд бозӣ мекард. Ин кумита ҳамчун дар соҳаи таълим, барои ҳифзи ҳуқуқи занон фаъолият мекард. Онҳо кӯшиш мекарданд, ки занонро ба корҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ҷалб кунанд ва онҳоро ба ҳаёти мустақилона ва озодона тайёр намоянд. Ин мавзуъ барои омӯзиши таърихи Тоҷикистон ва нақши занон дар ҷомеа муҳим аст. Хулосаҳо мушаххас ва ба саволҳои дар ибтидои таҳқиқот гузоштashуда ҷавоб медиҳанд.

Қисмати пешниҳодҳои диссертатсия нишон медиҳад, ки муаллиф аз натиҷаҳои таҳқиқоти худ хулосаҳои амалӣ баровардааст. Аҳамияти амалии таҳқиқ дар он дар он зоҳир мегардад, ки хулосаҳо, тавсияҳо ва маводи дар рисола гирдовардашуда метавонанд дар соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятӣ ва илмӣ-таълимӣ мавриди таҳлили таҳқиқ истифода бурда шавад.

Хулоса, диссертатсияи Файззода Рамазон Хурсанд як кори илмии ҷиддӣ ва саривақтӣ буда, дар он гузоришҳои илмӣ ба таври умум асоснок ва хулосаҳо ба натиҷаҳои бадастомада мувофиқ мебошанд. Пешниҳодҳои овардашуда аҳамияти баланди имлӣ дорад. Диссертатсияи мазкур сазовори таваҷҷуҳ буда, метавонад ҳамчун сарчашмаи муҳим барои таҳқиқоти минбаъда дар ин самт хизмат намояд.

**Навгонии илмии таҳқиқ** дар он зоҳир мегардад, ки дар ин рисола бори аввал дар таърихнигории ватанӣ фаъолияти Кумитаи беҳдошти меҳнат ва маишати занон (КБММЗ) дар солҳои 1928-1934 ҳамчун механизми махсуси институтсионалии давлат ҷиҳати таҳаввули иҷтимоии ҷомеаи Тоҷикистон мавриди пажӯҳиши мустақил ва ҳамаҷониба қарор гирифтааст, бархилофи таҳқиқотҳои қаблӣ, ки ин Кумитаро танҳо ҳамчун замимаи шуъбаҳои занони ҳизбӣ (женотделы) медонистанд, дар рисола бори аввал фарқияти функсионалии КБММЗ ҳамчун ниҳоди давлатӣ, ки вазифаи он на танҳо ташвиқот, балки сохтмони инфрасохтори моддӣ-маишии эмансипатсия буд, собит карда шудааст.

**Саҳеҳии натиҷаҳо** ба муқаррароти илмӣ, хулоса ва тавсияҳои дар рисола таҳияшуда бо методологияи донишҳои илмӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот ба таҳқиқи диссертатсионии мазкур асос ёфтааст. Инчунин, тасдиқи фарзияҳои пешниҳодшударо таҷрибаи шахсии муаллиф таъмин мекунад.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия** дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар асоси сарчашмаҳои бойгонии тамоми самтҳои ҳокимият, ҳизб, созмонҳои ҷамиятӣ ва муассисаҳои истеҳсолӣ, ки бо занон алоқаманданд мавриди таҳлил қарор диҳад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Дар рисола дақиқияти маълумот, кофӣ будани ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот ба таҳқиқи диссертатсионии мазкур асос ёфтааст. Инчунин, хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлилҳои илмӣ-назариявӣ ва таҷрибавӣ мутобиқ бо натиҷагириҳои таҳқиқот манзур карда шудаанд.

Барои таҳия ва татбиқи сиёсати давлатии гендерӣ, натиҷаҳои пажӯҳиш ҷиҳати такмили барномаҳои давлатӣ, аз ҷумла «Стратегияи миллии

фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», истифода шуда метавонанд. Таҷрибаи таърихии КБММЗ дар самти бунёди инфрасохтори иҷтимоӣ (боғчаҳо, марказҳои маишӣ) барои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун намунаи таърихии ҳамоҳангсозии манфиатҳои давлат бо ниёзҳои воқеии занон хизмат мекунад.

Мундариҷаи рисола, маҷмуан фаъолияти Кумитаи беҳдошти меҳнат ва маишати занон (КБММЗ)-и тоҷикро дар мисоли Тоҷикистн нишон медиҳад. Дар рисола, ҳамчунин, методҳои таҳлили сохторӣ ва синтез ҳамчун методи хулосабарорӣ барои тартиб ва муқоиса кардани далелу рақамҳо истифода гардидааст.

Умуман дар раванди таҳқиқот унвонҷӯ барои ноил шудан ба мақсад ва ва иҷрои вазифаҳои гузошташуда методҳои умумитаърихӣ, муқоиса, мантиқ, таҳлили оморӣ, омӯзиши бойгонӣ, хулосабарорӣ ва дигар услубҳои кори илмиро истифода намудааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ ва таҳқиқ.** Саҳми шахсии унвонҷӯ Файззода Рамазон Хурсанд, дар анҷом додани диссертатсия дар мавзуи «Кумитаи беҳдошти меҳнат ва маишати занон ҳамчун омили таҳаввулоти иҷтимоии ҷомеаи Тоҷикистон (солҳои 1928-1934)» хеле назаррас ва муҳим арзёбӣ мегардад. Муаллиф як қатор вазифаҳои асосиро мустақилона иҷро намудааст, ки ба сифат ва арзиши илмии рисола таъсири мусбат расонидаанд. Аз ҷумла, муайян кардани мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, интихоби мавзуъ ва пешниҳоди масъалаҳои муҳимми таҳқиқот нишон медиҳанд, ки унвонҷӯ дар марҳилаҳои аввали таҳқиқот ташаббускор ва мустақил буда, самти кори илмии худро муайян кардааст. Таҳлил ва пешниҳоди маълумоти бадастомада низ аз ҷумлаи саҳми муҳимми муаллиф мебошад, ки қобилияти таҳлилӣ ва мустақилияти фикрии ӯро нишон медиҳад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ, дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Натиҷаҳои асосии рисолаи диссертатсионӣ дар 7 интишороти муаллиф инъикос шудаанд, ки аз онҳо 4 мақолаи илмӣ (2 мақола дар алоҳидагӣ) дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 3 мақола дар дигар нашрияҳо ва маводҳои конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалиро ташкил медиҳанд.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсияи Файззода Рамазон Хурсанд дар ҳаҷми 229 саҳифа бо сохтори иборат аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт таҳия гардидааст.

**Дар муқаддима** мубрамияти мавзуъ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъала, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаи таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзуи (предмети) таҳқиқот, марҳила, макон ва давраи таҳқиқот, асосҳои назариявии таҳқиқот, навгониҳои илмии таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ-амалии таҳқиқот, дараҷаи этимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, мувофиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаб, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия муайян шудаанд.

Боби якуми диссертатсия **«Фаъолияти кумитаи беҳдошти меҳнат ва маишати занон (КБММЗ)»** аз ду зербоб иборат аст.

Заминаҳои таърихӣ ва зарурати таъсиси КБММЗ дар низоми идоракунии давлатии Тоҷикистон баррасӣ гардидааст.

Дар диссертатсия баён гардидааст, ки сохтмони ҷомеаи сотсиалистӣ Ҳукумати Тоҷикистон тамоми донишу таҷрибаи хешро ба иҷрои пеш аз муҳлати он равона сохт. Моҳи августи соли 1929 дар Низомномаи қабулгардида «Дар бораи Комиссияи беҳдошти меҳнат ва маишати занони меҳнаткаши назди КИМ Шурои ҶШС Тоҷикистон» қайд гардидааст, ки «Бинобар паҳншавии корҳо оид ба мубориза барои аз зулму асорати воқеӣ озод кардани занони ҷумҳурӣ ба мақсади ба пеш бурдани масоили меҳнат ва маишат, инчунин, барои коркарди чорабиниҳои махсус оид ба мустаҳкамкунии ҳуқуқи занони меҳнаткаши ҷумҳурӣ дар назди КИМ-и ҷумҳурӣ Комиссияи марказӣ оид ба беҳдошти меҳнат ва маишати занони меҳнаткаш таъсис дода мешавад».

Вазифаи асосии Комиссияи марказӣ оид ба беҳдошти меҳнат ва маишати занони меҳнаткаши ҷумҳурӣ расонидани кӯмак ба барпо кардани чорабиниҳои муассисаҳои давлатӣ ва созмонҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи беҳдошти меҳнат ва маишати занони миллатҳои маҳаллӣ дар соҳаҳои ҳуқуқ, маориф, тандурустӣ, мубориза бо бекорӣ ва расонидани кӯмак ба ҷалби онҳо ба кооператсияҳои гуногун дар саноат ва хоҷагии қишлоқ буд. Чӣ тавре ки аз матни ҳуҷҷат маълум мегардад, вазифаи асосии комиссияи мазкур аз «мураттабсозии нақшаҳои ҷамъбастии дурнамо ва ҳарсола аз рӯйи чорабиниҳои комиссариатҳои халқӣ ва муассисаҳое, ки ба беҳдошти меҳнат ва маишати занон нигаронида шудаанд иборат буд.

Боби дуввуми диссертатсия **«Нақши кумита дар таҳаввулоти иқтисодии ҳаёти занон ва ташаккули коргарзанони касбӣ»** ном додшта аз ду зербоб иборат мебошад.

Фаъолияти кумитаи мазкур зимни сафарбаркунии занон ба бахши истеҳсолӣ ва кишоварзӣ дар фаъолияти КБММЗ таҳлил гардидааст.

Диссертант менависад, ки КБММЗ қариб бо тамоми масъалаҳое, ки ба меҳнати занон дахл дошт, шуғл меварзид. Аз байни онҳо асосиашон инҳо буданд: ҷалб ба тарзи ҳаёти фаъол, ҷалб ба кор, таҳсил, ихтисоси коргарӣ, идоракунӣ, меҳнат, истироҳат, чорабиниҳо оид ба беҳдошти шароити меҳнат ва маишат. Ҳар яке аз масъалаҳои дар инҷо зикршуда масъалаҳое буданд, ки ҳалли худро бояд меёфтанд. Ҳимояи манфиатҳои меҳнаткашон яке аз самтҳои афзалиятнок дар фаъолияти КБММЗ буд. Воқеан масъалаеро ёфтан душвор аст, ки оид ба он меҳнаткашон ба КБММЗ муроҷиат накарда бошанд.

Дар фаъолияти КБММЗ-и назди Раёсати КИМ-и Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон ташкилу доир кардани маъракаи корҳои кишоварзӣ мавқеи хосса дошт. Ба роҳмонии кишт, корҳои коркард, обёрӣ, ҳосилғундорӣ дар ғаллакорӣ, зироати обчакорӣ, пашмтарошӣ дар чорводорӣ, ҷамъоварии ҳосил дар боғдорӣ дар солҳои панҷсолаи якум ба анъана табдил ёфта буд. Бо масоили ташкилии ин чорабиниҳо ташкилоти ҳизбӣ ва хоҷагидорӣ ва иттифоқҳои касаба, бо масъалаҳои маданӣ-маишӣ бошад, бештар КБММЗ-ҳо шуғл меварзиданд.

Боби сеюми диссертатсия **«Роҳбурди (стратегия) КБММЗ дар раванди таҳавуллоти иҷтимоӣ-маданӣ ва модернизатсияи маишати занон»** низ аз ду зербоб иборат мебошад.

Фаъолияти низоми маърифатпарварӣ ва таҳаввули шуури ҷамъиятии занон дар доираи фаъолияти КБММЗ баррасӣ гардидааст.

Диссертант менависад, ки корҳои маданӣ-маишӣ соҳаи серпаҳлуи сиёсати давлатии Ҳокимияти Шуравӣ дар Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт. Ин корҳо қариб тамоми самтҳои ҳаёту фаъолияти ҷамъиятиро фаро мегирифт. Ҳукумат ба ин соҳа ҳамеша диққати калон медод ва барои доир кардани чорабиниҳои маданӣ-маишӣ маблағи зиёде ҷудо мекард. Ин маблағҳо мунтазам меафзуданд, чунки ин масъала хеле зарур буд. Аммо масъалаи истифодаи самараноки меҳнати занон вазъи сиёсӣ пайдо карда, ба сиёсати махсуси Ҳокимияти Шуравӣ табдил ёфт.

Яке аз самтҳои фаъолияти КБММЗ-ҳо ташкили чорабиниҳои маданӣ-маишӣ буд, ки бо он тамоми муассисаҳое, ки сексияҳои маданӣ доштанд, машғул мешуданд. Ин сексияҳо масъалаи гуногуни фароғату истироҳати инсон (аз хурд то калон)-ро дида мебаромад. Ҳар як ташкилот нақшаи чорабиниҳои худро оид ба корҳои маданӣ дошт. Ин чорабиниҳо қариб тамоми соҳаҳои ҳаёти инсонро фаро мегирифтанд: модар, кӯдак, навҷавонон, тарбия, кор, касб, фароғат, истироҳат ва ғайра.

Барои доир кардани чорабиниҳо нақша тартиб дода мешуд ва аз рӯйи нақша кор мекарданд. Рафти иҷрои ин нақшаҳо аз тарафи сохторҳои сершумори ҷомеа ва ҳокимият мавриди санҷиш қарор дода мешуд. Яъне, тамоми сохторҳои ҳокимият ва худи ҷомеа бо тарбия шуғл меварзиданд. Дар ин кор ҳокимият ва аҳли ҷомеа ҳамқадам буданд.

Ҳокимияти Шуравӣ дар КБММЗ-ҳо яке аз самтҳои ҳалли масъалаи занон - озодкунии онҳо тавассути ҷалби онҳо ба корҳои муфиди ҷамъиятӣ дар истеҳсолот (косибӣ, завод, фабрика), колхозҳо, совхозҳо, интихобот, ҷаласаҳои занон, маҳфилҳо ва ҳ.к. буд.

Чӣ тавре маълум аст, ҳанӯз дар солҳои 20-ум ва 30-юми асри XX дар Тоҷикистони шуравӣ мактабҳои занона низ вуҷуд доштанд: барои синну соли хурди мактабӣ одатан як ё дузинавӣ, барои калонсолон бошад мактабҳои маҳви бесаводӣ. Ташкилу роҳандозии раванди таълими умумии мактабҳои занона мушкилоти зиёдеро ба бор меовард, ҳарчанд, ки дар бораи онҳо Р.А. Набиева, Обидов, М.Р. Шукуров ва даҳҳо дигарон навиштаанд, маводи ошкоркардаи мо ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ ягон навигарӣ надаровардааст, аммо маводи нав ба таври ҷиддӣ ин масъаларо ғанӣ гардонида метавонад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсия довталаби дараҷаи илмӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз руйи ихтисоси 6.1.1 - Таърихи ватанӣ (Таърихи халқи тоҷик). Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мутобиқат менамояд. Диссертатсияи Файззода Рамазон Хурсанд ҳамчун кори илмии ба анҷом расида ба ҳисоб рафта, таркиб ва сохтори он бо тавсияву асосноккунӣ дар сатҳи баланди илмӣ-назариявӣ навишта шуда, ба талаботҳои муқаррарнамудаи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267) ҷавобгӯй мебошад. Кори таҳқиқотӣ бо меъёрҳои забони давлатӣ таълиф шуда, ороиши диссертатсия тағйиротро талаб намекунад.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Тахассуси илмии довталаб Файззода Рамазон Хурсанд ба ихтисоси илмии дархостшаванда аз рӯйи ихтисоси 6.1.1 - Таърихи ватанӣ (Таърихи халқи тоҷик) дастгирӣ мебошад.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Баробари комёбиҳо дар диссертатсияи тақризшаванда баъзе камбудиву норасоиҳо низ ба назар мерасанд, ки зикри онҳоро зарур ва ба манфиати кор меҳисобем:

1. Дар бобҳои диссертатсия, хосса бобҳои якум ва дуюм мувозинат риоя нашудааст, ки ин ба зиёд шудани ҳаҷми диссертатсия боис гаштааст;

2. Дар диссертатсия муҳаққиқ аз таҳқиқотҳои муҳаққиқони соҳа камтар истинод овардааст;

3. Дар ҳоле ки дар замони соҳибистиқлолии кишвар занон як қисми муҳими қувваи корӣ ва тавлидиро ташкил медоданд, саҳми онҳо дар диссертатсия ба таври кофӣ ва ҷудогона инъикос ёфтааст, аммо гузаронидани таҳлил аз дидгоҳи гендерӣ як навъ такмил ба кор мешуд;

4. Дар хулосаи боби сеюм, агарчӣ ҷамъбасти хуб сурат гирифтааст, аммо он метавонист бо таҳлили амиқтар таъсири саҳми занонро мукаммалтар нишон медод.

5. Дар кори диссертатсионӣ ғалатҳои услубӣ, имлоӣ ва техникӣ ба чашм мерасанд, ки ислоҳи онҳоро ҳангоми нашри монография ҳатмӣ медонем.

Камбудиҳои зикргардида ҷузъӣ ва осонислоҳ буда, арзиши аслии таҳқиқи диссертатсияро кам намекунанд. Баръакс, таҳқиқоти гузаронидашуда дорои аҳаммияти назаррас мебошад ва ба рушди илми таърихи ватанӣ мусоидат мекунад.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқараргардида барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.1. – Таърихи ватанӣ (Таърихи халқи тоҷик) таҳия гардида, мазмуни асосии кори таҳқиқиро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.**

Хулоса, диссертатсияи Файззода Рамазон Хурсанд дар мавзуи «Кумитаи беҳдошти меҳнат ва маишати занон ҳамчун омили таҳаввулоти иҷтимоии ҷомеаи Тоҷикистон (солҳои 1928-1934)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.1 – Таърихи ватанӣ (Таърихи халқи тоҷик) дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.1. – Таърихи ватанӣ (Таърихи халқи тоҷик) сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқарраároти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» Абдуллоев Маҳмуд Холович омода гардидааст.

Тақризи мазкур дар ҷаласаи васеи кафедраи таърихи халқи тоҷики «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ», протоколи №2, аз 11 сентябри соли 2026 муҳокима ва тасдиқ гардидааст.

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 14 - нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор - 14 нафар, зид - нест, бетараф-нест.

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои таърих, и.в., дотсент,
мудири кафедраи таърихи халқи тоҷики
«Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ», Суфиев С.Н.,

**Ташхисгар:**
доктори илмҳои таърих,
профессори кафедраи таърихи
халқи тоҷики Донишгоҳи
давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ Абдуллоев М.Х.

**Котиби илмии ҷаласа:**
доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи
ихтисоси таърих, кафедраи таърихи халқи тоҷики
ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ», Ватанзода Ш.В.

**Имзоҳои Суфиев С.Н., Абдуллоев М.Х.**
ва **Ватанзода Ш.В.**-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси МДТ «ДДК ба номи
Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ»: Давлатзода М.А.

**Суроғаи расмӣ:**
735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров, 16
Тел.: (+83322) 2-35-06
Почтаи электронӣ: inafo@kgu.tj.
«_15_» ___09___ 2026